**ҚАРОРИ**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№11**

**аз 23 декабри соли 2011** **шаҳри Душанбе**

**Доир ба таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба хабар надодан дар бораи ҷиноят ё пинҳон доштани он, соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани молу мулке, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст**

Бо дарназардошти масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои дар моддаҳои 254 ва 347-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КҶ) пешбинишуда ба миён меоянд, дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р  К А Р Д:**

1.Тибқи талаботи қонунгузории ҷиноятӣ шахсоне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд, ӯҳдоранд қонунҳои мавҷударо риоя намуда, ҳангоми огоҳ шудан дар бораи ҷиноят ба мақомоти давлатӣ ва шахсони мутасаддӣ хабар диҳанд.

Хабар надодан дар бораи ҳодисаи ҷиноят дар он зоҳир мегардад, ки шахс беҳаракатӣ зоҳир намуда, ӯҳдадории худро дар бораи хабар додан оид ба ҷинояти аниқ маълуми тайёршудаистода ё содиршуда иҷро намекунад

2. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки хабар надодан дар бораи ҷиноят ва пинҳон доштани он, ду намуди ҷинояти алоҳида буда, қонунгузорӣ онҳоро ба қатори ҷиноятҳои муқобили адолати судӣ дохил намудааст. Вобаста ба аломатҳояшон ин ҷиноятҳоро КҶ ба ду қисм ҷудо кардааст:

- хабар надодан дар бораи ҷиноят (ҷинояти вазнин ё махсусан вазнини аниқ маълуми тайёршудаистода ё содиршуда, ҳамчунин хабар надодан дар бораи шахси аниқ маълуми содирнамудаи ин ҷиноят ё бошишгоҳи ӯ);

- пинҳон доштани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнини пешакӣ ваъданашуда.

3. Дар қисми якуми моддаи 347 КҶ хабар надодан дар бораи ҳодисаи ҷиноят дар назар дошта шудааст. Яъне сухан дар бораи он меравад, ки шахс оид ба ҷинояти аниқ маълуми тайёршудаистода ё ҷинояти содиршудаи вазнин ё махсусан вазнин маълумоти боэътимод дорад, вале ба мақомот ва ё шахсони босалоҳият хабар намедиҳад.

Ҳангоми банду басти ин кирдори ҷиноятӣ ваъдаи пешакии шахс дар бораи хабар додан ва ё надодан аҳамият надорад.

Бо ин модда шахс барои хабар надодан дар бораи ҷинояти тайёршудаистода ва ҳам барои ҷинояти содиршуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Ҷинояти тайёршудаистода он ҳаракатҳоеро дар бар мегирад, ки баҳри омодагӣ барои содир намудани ҷиноят ё сӯиқасд ба он равона гардидаанд, аз ҷумла дарёфти олоти ҷиноят, воситаҳои содир намудани ҷиноят ва ғайра.

Таҳти мафҳуми ҷинояти содиршуда бошад, ҳаракат ва беҳаракатие фаҳмида мешавад, ки аллакай аломатҳои таркиби ҷинояти муайяни хотимаёфтаро дорад.

4. Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки шахс бо қисми 1-и моддаи 347 КҶ танҳо дар мавриде ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ӯ дар бораи ҷиноят ва ё шахси ҷиноят содирнамуда ё иштирокчиён ва ё бошишгоҳи онҳо маълумоти аниқ ва боэътимод дошта бошад.

Ҳамон маълумот аниқ ва боэътимод дониста мешавад, ки онро шахс дар натиҷаи дидани ҳодисаи ҷиноят, шунидан аз содиркунандаи ҷиноят ё иштирокчиёни он ва ё мукотибаи шахсӣ ба даст даровардааст.

Дар ҳолате, агар шахс маълумотро аз шахси сеюм шунида бошад ва ё гумон дошта бошад, ки ба содир намудани ҷиноят тайёрӣ рафта истодааст, ӯ дар ин маврид ҷавобгар намешавад. Агар шахс дар бораи ҷинояти тайёршаванда, содиршаванда ё содиршуда то лаҳзаи аз ҷониби мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ муайян намудани он ва ё шахси онро содиркарда хабар расонад, ӯ таҳти ҷавобгарӣ қарор дода намешавад.

Ходими калисо барои хабар надодани маълумотҳо дар бораи ҷинояти тайёршаванда, содиршаванда ё содиршуда, ки ҳангоми омӯрзиш маълум гардидааст, таркиби ҷинояти мазкурро ташкил намедиҳад.

Агар кирдори ба ҷамъият хавфнокро шахсе содир карда бошад, ки тибқи қонуни ҷиноятӣ бо сабаби номукаллафӣ ё хурдсолӣ таҳти ҷавобгарии ҷиноятӣ қарор гирифта наметавонад, хабар надодан дар бораи он ва ё пинҳон доштани он, ки пешакӣ ваъда дода нашудааст, таркиби ҷиноятро ташкил намедиҳад.

5. Таҳти мафҳуми пинҳон доштани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнини пешакӣ ваъданашуда ҳаракатҳои шахс, ки бо мақсади пинҳон намудани шахси ҷинояткор, пай ва осори ҷиноят, олот ва воситаи содир намудани ҷиноят, ашёи дар натиҷаи содир намудани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин ба даст даровардашуда равона карда шудааст, фаҳмида мешавад.

Ҷинояти пинҳон кардан- қасдан, содир гардида, шахс ҳаракатҳои зиддиқонунии худро мефаҳмад ва мехоҳад, ки ҷинояткор олоти ҷиноят ва ашёҳои дар натиҷаи ҷиноят ба даст овардаро пинҳон намояд. Ангезаи ҷиноят гуногун шуда метавонад ва барои бандубасти ҷиноят аҳамият надорад (ғараз, дигар манфиатҳои шахсӣ, тарс ва ғайра.

6. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои пинҳон доштани ҷиноятҳои категорияи вазнин ва махсусан вазнин, ки дар қисмҳои 4 ва 5 моддаи 18 КҶ пешбинӣ гардидаанд, ба вуҷуд меояд.

7. Бояд қайд кард, ки мутобиқи эзоҳ ба моддаи 347 КҶ ҳамсар ва хешовандони наздики шахси содирнамудаи ҷиноят барои хабар надодан дар бораи ҷиноят, пинҳон доштани ҷинояти пешакӣ ваъданашуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд.

Таҳти мафҳуми ҳамсар-зан ва ё шавҳари шахси содиркунандаи ҷинояти вазнин ва ё махсусан вазнин, ки байни ҳамдигар ақди никоҳи расмӣ доранд, фаҳмида мешавад.

Доираи хешовандони наздик бошад дар моддаи 6 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст.

8. Соҳиб шудан, нигоҳ доштан ва ба соҳибияти каси дигар додани молу мулке, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст, маънои харидан, гирифтан бо роҳи иваз намудан, гирифтан ба сифати тӯҳфа, пардохти қарз ва ғайра, доро будан новобаста аз муддати дар худ нигоҳ доштани он, инчунин бо шаклҳои гуногун (фурӯхтан, иваз кардан, тӯҳфа ва ғайра) аз худ бегона намудан ва ба шахси сеюм додани ин молу мулкро дар назар дорад.

9. Қайд кардан зарур аст, ки хабар надодан дар бораи ҷиноят, пинҳон доштани ҷинояти пешакӣ ваъданашуда ва соҳиб шудан, нигоҳ доштан ва ба соҳибияти каси дигар додани молу мулке, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст аз ҳамиштирокӣ дар ҷиноят бояд фарқ карда шавад.

Зеро пинҳон доштани ҷиноят, соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани молу мулке, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст дар баъзе мавридҳо шарикӣ дар ҷиноят, дар мавридҳои дигар бошад фаъолияти мустақили ҷиноятиро, ки ҷавобгарӣ барои онҳо дар моддаҳои 254 ва 347 КҶ пешбинӣ шудааст, ташкил медиҳанд.

Ҳамчунин, кирдорҳои шахси ҳамиштирокчии ҷиноят оид ба хабар надодан дар бораи ҷиноят банду басти иловагиро бо моддаҳои қонуни ҷиноятӣ дар бораи хабар надодан талаб намекунад, зеро дар ин ҳолат хабар надодан яке аз қисмҳои ҷинояти вазнин ба ҳисоб меравад.

Агар пинҳон намудани ҷинояткор, осори ҷиноят, олоти ҷиноят ва ашёҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда пешакӣ ваъда шуда бошанд, дар ин маврид кирдорҳои шахс тибқи талаботи қисми 5 моддаи 36 КҶ ҳамчун шарикӣ дар ҷиноят дар шакли ёрдамчӣ бандубаст карда мешавад.

Ҳаракатҳои шахси дар пинҳон доштани ҷиноят, инчунин соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани молу мулки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст овардашуда гунаҳгор гардида мумкин аст ҳамчун ҳамиштирокчӣ дониста шавад, агар ин ҳаракатҳо то ё дар вақти содир кардани ҷиноят ваъда шуда, ё ин ки бо дигар сабабҳо (мисол, ба таври доимӣ содир кардани он) ба иҷрокунандаи ҷиноят барои ба инобат гирифтани чунин ҳамкорӣ асос гардида бошад.

10. Агар пинҳон доштани ҷинояти пешакӣ ваъданашуда, ҳамчунин соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани молу мулки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст овардашуда аз ҷониби шахси мансабдор бо роҳи сӯиистифода аз мансаби хизматии худ содир гардида бошад, кирдорҳои ӯ бо моддаҳои КҶ, ки ҷавобгариро барои ин ҷиноят пешбинӣ мекунанд ва дар маҷмӯъ ҳамчун сӯиистифода аз ваколатҳои хизматӣ банду баст карда мешаванд.

11. Агар шахси мансабдор бо сӯиистифода аз ваколатҳои мансабии худ чунин молу мулкро соҳибӣ кунад, нигоҳ дорад ё онро ба соҳибияти каси дигар диҳад, он гоҳ кирдори ӯ бояд бо маҷмӯи ҷиноятҳо банду баст карда шавад.

12. Диққати судҳои болоӣ ба зарурати таъмин намудани назорати дахлдор аз болои қонунӣ ва асоснок будани қарорҳои қабулкардаи судҳои марҳилаи якум зимни баррасии парвандаҳои марбут ба хабар надодан дар бораи ҷиноят, пинҳон доштани ҷинояти пешакӣ ваъданашуда, соҳиб шудан ё ба соҳибияти каси дигар додани молу мулке, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст оварда шудааст, ҷалб карда шавад.

13. Бо қабули қарори мазкур, қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 1995 таҳти №8 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ вобаста ба пинҳон доштани ҷинояти пешакӣ ваъданашуда, соҳиб шудан ва ба соҳибияти каси дигар додани молу мулке, ки баръало бо роҳи ҷиноят ба даст овардашуда» аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Н.Абдуллоев**

**Котиби Пленум,**
**Судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.Саидов**